**ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ТАШХИСИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзуи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар ҳайати раис: Салимӣ Носирҷон – академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илми филология, профессор, аъзоён: Ғаффорова У.А. – доктори илми филология, профессор, Султонзода Т.С. – доктори илми филология оид ба қабул намудани диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзуи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи ҳимоя.

Рисола дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба иҷро расида, дар ҳамин кафедра муҳокима шудааст (қарори №4 аз 22.11.2022).

Рисолаи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз ба таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом бахшида шудааст. Дар меҳвари таҳқиқ масъалаҳои матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом, ба мисли «Анис-ут-тоибин», «Равзат-ул-музнибин», «Сироҷ-ус-соирин», «Мифтоҳ-ун-наҷот», «Кунуз-ул-ҳикмат», «Биҳор-ул-ҳақиқат», «Рисолаи Самарқандия» ва ғ. қарор гирифтаанд. Инчунин, масъалаҳои рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом, насри ирфонӣ дар аҳди ӯ, нусхашиносӣ ва мундариҷаву таркиби мероси мансури нависанда, сабки

он, корбурди ашъор дар осори насрӣ ва шарҳи истилоҳоти сӯфия аз дидгоҳи Аҳмади Ҷом дар диссертатсия ба таҳқиқ кашида шудааст.

Диссертатсия ба таҳқиқи осори насрии Аҳмади Ҷом бахшида шуда, тавассути он дар адабиётшиносии тоҷик бори нахуст мероси мансури Аҳмади Ҷом мавриди пажуҳиши алоҳида қарор гирифтааст.

Ҳадафи асосии пажуҳиш таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом мебошад. Аз ҷумла, баррасӣ ва омӯзиши мутуни манобеи куҳан дар маърифати рӯзгори Аҳмади Ҷом, таҳқиқи насри ирфонии форсии тоҷикӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом, ҷустор дар мундариҷа ва сохту таркиби асарҳои насрии Аҳмади Ҷом, нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом ва равшан сохтани густураи таълифоти ӯ, мушаххас кардани усулҳои корбурди ашъор дар осори насрии Аҳмади Ҷом, нишон додани хусусиятҳои боризи сабки наср ва шеваи баёни осори ӯ, ошкор намудани аҳамияти осори насрии Аҳмади Ҷом дар шарҳу тавзеҳи истилоҳоти назарии тасаввуф ва мақоми онҳо дар такмили фарҳангномаҳои мусталаҳоти сӯфия, накду таҳлил ва пажуҳиши матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом аз мақсадҳои асосии диссертатсия ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Мирзоҳофизиён М.М. аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт фароҳам омадааст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, мавзуи таҳқиқ, асосҳои назариявии таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, саҳми шахсии муаллиф, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия нишон дода шудааст.

Боби аввали диссертатсия **«Аҳмади Ҷом ва таҳаввули насри ирфонӣ дар аҳди ӯ»** унвон дошта, фарогири ду фасл аст.

Дар фасли аввали боб – «Аҳмади Ҷом ва мақоми ӯ дар адабиёти форсии тоҷикӣ» масъалаи рӯзгор ва мақоми адабии Аҳмади Ҷом бо асноди зиёди илмӣ баррасӣ гардидааст. Таъкид гардида, ки Аҳмади Ҷом, маъруф ба «Жандапил», аз дурахшонтарин чеҳраҳои адабу ирфони

асрҳои XI-XII ба ҳисоб меравад. Манбаъшиносии рӯзгори Аҳмади Ҷом равшан месозад, ки шинохти шахсият ва аҳволу манқабати ӯ аз замони зиндагиаш оғоз гардидааст. Дар ин замина, таълифоти Заҳируддин Исо – «Нур-ул-ҳақоиқ» ва Шиҳобуддин Исмоил – «Рисола дар исботи бузургии Шайх Аҳмади Ҷом», ки ҳар ду фарзандони Аҳмади Ҷом мебошанд ва навиштаи яке аз муридони ӯ Садидуддин Муҳаммади Ғазнавӣ – «Мақомоти Жандапил» ва «Хулосат-ул-ҳақоиқ»-и Имодуддини Форёбӣ аз куҳантарин сарчашмаҳо ба шумор меоянд. Ҳамчунин, «Хулосат-ул-мақомот»-и Абулмакорими Ҷомӣ, ки яке аз набеpазодагони ӯст, «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Абулфатҳи Мутаҳҳар ва «Равзат-ур-раёҳин»-и Дарвешалии Бузҷонӣ аз манобеи куҳан ва дасти аввал дар маърифати аҳволу рӯзгори Аҳмади Ҷом маҳсуб мегарданд.

Бар асоси гузориши ин манобеъ, куня, ному насаб ва нисбаи пурраи Аҳмади Ҷом «Абӯнаср Аҳмад ибни Абулҳасан ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҷарир ибни Абдуллоҳ ибни Лайси Баҷалии Номақии Ҷомӣ» мебошад. Аҳмади Ҷом соли 440-441 ҳ./1048-1049 м. дар рустои Номақ (воқеъ дар ҷануби Нишопур) чашм ба дунё кушод.

Аҳмади Ҷом умри дарози пурбаракати хешро ба рушди илму дониш ва иршоду раҳнамоии ҷомеа сарф намуда, бино ба иттифоқи аксари сарчашмаҳо, соли 536 ҳ./1141 м. дар синни 96-солагӣ дар хонақоҳи худ дар шаҳри Ҷом (Муҳидобод) аз олами ҳастӣ чашм пӯшидааст. Ӯро дар маконе, ки қаблан васият намуда буд, берун аз дарвозаи масҷид ва хонақоҳаш, ба хок супориданд.

Мақоми арҷманди Аҳмади Ҷом дар адабу ирфон мӯҷиб гардид, то номвартарин шоирону орифон, ба мисли Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Қосими Анвор, Неъматуллоҳи Валӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва ғ. аз ӯ ба бузургӣ ёд кунанд ва манзалати волои адабию ирфониаш эътироф намоянд.

Дар поёни фасли мазкур дар 7 банд хулосаҳои муҳим зикр ёфта, дар онҳо бар аҳамияти маърифати сарчашмаҳои шинохти рӯзгор, нисбаву

табор, фарзанду наводагон ва мақоми илмию адабии Аҳмади Ҷом таъкид гардидааст.

Фасли дуюми боб ба таҳқиқи насри ирфонии форсии тоҷикӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом бахшида шудааст. Диссертант дар ин фасл зикр намуда, ки оғоз аз асри XI орифони соҳибқалам ва сӯфиёни соҳибназар бо таълифи осору имлои афкор мероси сӯфияро, чи марбут ба амалия ва чи назария, бо забони форсии дарӣ ба ҷараёни равишманд ворид сохтаанд. Аз ҳамин аср ба колбуди адабиёти мо рӯҳи ирфон дамида шуд ва адаби сӯфия ба таври ом паҳн гардид.

Насри ирфонии аҳди Аҳмади Ҷом дар қолаби осори гуногун бо тарҳу мавзуъбандии мухталиф арзи ҳастӣ карда, ки метавон онҳоро аз нигоҳи куллӣ дар се бахши умда бозшиносӣ намуд:

1. Осори ирфони амалӣ ва назарӣ;

2. Маноқиб, табақот ва зиндагиномаҳои бузургони сӯфия;

3. Тафсирҳои куҳани форсии тоҷикӣ.

Дар охири фасл дар 9 банд натиҷаҳои таҳқиқи мавзуъ зикр гардидааст. Дар онҳо таъкид шуда, ки таълиф ва тадвини осори насрии сӯфия ба забони форсии тоҷикӣ аз асри XI оғоз ёфтааст.

Боби дуюми диссертатсия «**Нусхашиносӣ ва пажуҳиши сохторию мавзуии осори насрии Аҳмади Ҷом**» ном дошта, аз ду фасл таркиб ёфтааст.

Дар фасли аввали боби дуюм масъалаи нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертант бар асоси феҳристҳо ва ҷустуҷӯ дар ганҷинаҳои нусахи хаттӣ равшан сохта, ки дастхатҳои беш аз даҳ асари насрии Аҳмади Ҷом дар китобхонаҳои ҷаҳон нигаҳдорӣ мешаванд. Интисоби саҳеҳи аксари ин осор ба Аҳмади Ҷом собит аст, аммо иддае то ҳол сиҳҳати интисобро дарнаёфтаанд. Баъзе аз мероси насрии ӯ, ба монанди «Анис-ул-мустаънисин», «Футуҳ-ур-рӯҳ», «Тазкирот», «Эътиқоднома» ва ғ. эҳтимолан пурра аз байн рафтаанд ва ё ҳанӯз нусхае аз онҳо пайдо нагардидааст.

Дар маҷмуъ, дар фасли мазкур наздик ба 40 нусхаи хаттии осори насрии Аҳмади Ҷом баррасии нусхашиносӣ ёфтаанд. Аз ин миён, 14 нусха, ба мисли нусхаи № 682 аз Китобхонаи Лоло Исмоил, нусхаи № 399 аз Китобхонаи Нофизпошшо, нусхаи № 1742 аз Музейи Мавлоно, нусхаи № 1103 аз Китобхонаи Масҷиди Аъзам, нусхаи № 4238 аз Китобхонаи Ганҷбахш, нусхаи № 10235/1 аз Китобхонаи Маҷлиси Шурои миллӣ ва ғ. бори нахуст дар нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом бозшиносӣ шудаанд.

Дар фароварди фасл дар 6 банд хулосаи баррасиҳои нусхашиносӣ оварда шудааст.

Мундариҷа ва таркиби осори насрии Аҳмади Ҷомро диссертант дар фасли дуюми боб баён доштааст. Дар фасли мазкур ҳар як асари насрии Аҳмади Ҷом, ба мисли «Анис-ут-тоибин», «Равзат-ул-музнибин», «Сироҷ-ус-соирин», «Мифтоҳ-ун-наҷот», «Биҳор-ул-ҳақиқат», «Кунуз-ул-ҳикмат», «Рисолаи Самарқандия» ва ғ. аз нигоҳи мундариҷа ва таркиб бозшиносӣ гардидаанд.

Хулосаи фасли мазкур дар 6 банд ба қалам омадааст. Дар онҳо қайд гардида, ки осори насрии Аҳмади Ҷом дар мавзуи ирфон навишта шуда, арзиши баланди илмиву адабиро доро мебошанд.

Боби сеюми рисола «**Баррасии хусусиятҳои поэтикӣ ва матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом**» ном дошта, аз чор фасл таркиб ёфтааст.

Дар фасли аввали ин боб масъалаи сабки насри асарҳои насрии Аҳмади Ҷом мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант дар ин фасл қайд намуда, ки осори насрии Аҳмади Ҷом, бо вуҷуди дар ҷараёни таҳаввули сабки насри давраи мазкур қарор доштан, дар таълифоти сабкшиносии муҳаққиқон ба таври шоиста ба таҳлилу баррасӣ гирифта нашудааст. Ба занни ғолиб, дар замони таълифи асарҳои бунёдии сабкшиносӣ мушкил будани дастрасӣ ба нусхаҳои хаттии осори Аҳмади Ҷом ва ҳанӯз чоп нагаштани онҳо мӯҷиб гардидааст, то хусусиятҳои сабкии мероси мансури ин насрнавис аз доираи омӯзиш берун монад. Умдатарин мухтассоти сабки мероси мансури Аҳмади Ҷом дар чунин

нуктаҳо бозшиносӣ шудаанд: 1. Равониву содагии калом; 2. Такрор; 3. Корбурди матн ва луғоту таъбироти арабӣ; 4. Истифодаи калимаҳои куҳан; 5. Корбурди калимоти лаҳҷавӣ; 6. Усули хоси навиштани ададҳо; 7. Ҷамъбандии калимаҳои ҷамъи арабӣ; 8. Вожагузинӣ дар баробари калимоти арабӣ; 9. Корбурди оёт ва аҳодис; 10. Шеваи баёни хитобӣ ва воизона; 11. Ҳикоятпардозиҳо; 12. Корбурди санъатҳои бадеӣ.

Дар хулосаи фасли мазкур дар 4 банд тазаккур ёфта, ки хусусиятҳои сабкии мероси мансури Аҳмади Ҷом чун мухтассоти сабки хуросониву байнобайн буда, дар онҳо муҳимтарин вежагиҳои сабки насри асрҳои XI-XII инъикос ёфтааст.

Дар фасли дуюми боби мазкур ашъори корбурдёфта дар осори насрии Аҳмади Ҷом ба таври равишманд таҳқиқ пазируфтааст. Тазаккур ёфта, ки Аҳмади Ҷом дар осори насрии худ аз шеър дар борварии андеша, таъйиди назар, таъкиди матлаб, таъсиру тазйини бештари калом ва дигар мавридҳо баҳра бурдааст.

Диссертант хусусиятҳои корбурди ашъор дар осори насрии Аҳмади Ҷомро дар 3 бахши умда ба баррасӣ гирифтааст:

1. Истифодаи ашъори шуарои пешин.
2. Истифодабарӣ аз шеъри худ.
3. Корбурди ашъори арабӣ.

Дар хулосаи фасли мазкур дар 5 банд таъкид шуда, ки дар мероси мансури Аҳмади Ҷом шеър бештар барои таъйиди фикр ва таъсири калом истифода гардида, ашъор аксар таҳти унвонҳои «мисраъ», «байт», «рубоӣ», «ғазал», «абёт» оварда шудаанд.

Дар фасли севуми ин боб ҷойгоҳи осори насрии Аҳмади Ҷом дар шарҳи истилоҳоти сӯфия муайян карда шудааст. Диссертант тазаккур дода, ки Аҳмади Ҷом дар осори насрии худ таъбироти ирфонӣ ва истилоҳоти сӯфияро бо умқу вусъати хоса таҳлилу тавзеҳ намудааст. Осори насрии ӯ метавонад дар такмили фарҳангҳои таъбирот ва истилоҳоти ирфонӣ хидмати шоиста анҷом диҳад. Дар таъйиди ин назар мафҳум ва истилоҳоти ирфонии *абдол, адаб, дарвеш, дил, зулф, зуҳд,*

*ихлос, манозилу дарачот, маърифат, ориф, самоъ, солик, тавҳид, таваккул, хавфу рачо, ҳол ва г.* бо шавоҳиду иқтибосҳо таҳлилу тавзеҳ гардидаанд.

Дар охири фасл ҳамчун натичаи баррасӣ зикр ёфта, ки мероси мансури Аҳмади Ҷом ганчинаи пурбори таъбироти ирфонӣ буда, барои шинохти бештари истилоҳоти сӯфия сарчашмаҳои муҳим ба шумор меравад ва бо такя ба шарҳу тавзеҳоте, ки дар осори насрии ӯ болои истилоҳоти ирфонӣ сурат гирифтааст, метавон фарҳангҳои таъбироти тасаввуфиро мукаммалтар намуд.

Фасли чоруми боб аз пурбортарин ва равишмандтарин фаслҳои диссертатсия буда, дар он осори насрии Аҳмади Ҷом пажуҳиши матншиносӣ ёфтааст. Диссертант таъкид намуда, ки кӯшишҳои анчомгирифта дар нашру тасҳеҳи осори насрии Аҳмади Ҷом, бо вучуди бархурдорӣ аз муҳассаноти зиёд, аз чанд чиҳат ба такмил ва ислоҳ ниёз доранд:

Якум, нусхачӯии густурда.

Дуюм, нусхашиносии равишманд.

Севум, пойбандӣ ба қавоиди шеваи тасҳеҳ.

Дар фасли мазкур бештар аз вазъи матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом, чойгоҳи нусхаҳои омӯхтанашуда дар тасҳеҳи интиқодии мероси мансури ин донишманд, зарурати нусхашиносии равишманд дар нашрҳои минбаъдаи асарҳои насрии Аҳмади Ҷом ва истифода аз меъёрҳои илмии нақду тасҳеҳи мутун дар таҳияи осори суханвари мазкур сухан рафта, омилҳои асосии раҳёбии иштибоҳот дар нусхаҳои чопиву хаттии осори Аҳмади Ҷом тазаккур ёфтаанд.

Дар поёни ҳар боб бахши хулоса оварда шуда, дар онҳо натичагириҳои умумӣ аз таҳқиқ баён гардидааст.

Дар қисмати хулосаи диссертатсия қайд шуда, ки Аҳмади Ҷом аз орифон ва суханварони соҳибсухани адабиёти форсии тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ бо таълифи беш аз даҳ асари мансури ирфонӣ дар ташаккули насри форсии тоҷикӣ дар асрҳои XI-XII нақши назаррас гузоштааст.

Осори насрии Аҳмади Ҷом аз арзиши баланди филологӣ бархурдор буда, баррасии онҳо аз ин нигоҳ хеле боаҳамият мебошад. Дар рисола, бо таваҷҷуҳ ба ин нукта, маърифат ва таҳқиқи хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Рӯйхати адабиёт бар асоси меъёр ва талаботи ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Бо вуҷуди комёбиҳо, дар диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд. Дар ин замина, якхела сохтани мафҳумҳо, ислоҳи чанд иштибоҳи техникии раҳёфта дар рӯйхати адабиёт ва риояи навишти баъзе калимаҳо мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Эродҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам намекунад ва зуд ислоҳшаванда мебошанд.

Мубрамии таҳқиқ, навоварии илмӣ, дараҷаи омӯхташавии мавзуъ, аҳамияти назариву амалӣ ва дигар арзишҳои илмии диссертатсияро ба назар гирифта, комиссия ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзуи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи PhD докторант фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд.

Кори диссертатсионии Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзуи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқ буда, онро ба дифоъ пешниҳод кардан мумкин аст.

1. Комиссияи ташхис адабиётшиносони зеринро, ки корҳои илмию таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 –

Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**Муқарризи расмии аввал** – Юсуфов Умриддин Абдукофиевич, доктори илми филология, сарходими илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризи расмии дуюм** – Чиллаев Суҳроб Ҷӯрахонович, доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D020500 – Филология, директори Маркази илмии «Мавлоношиносӣ»-и МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».

**Муассисаи пешбар** – МДТ-и «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ».

2. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

3. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхиси Шурои дифоъ:**
**Академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илми филология, профессор:** **Н.Салимӣ**

**Аъзои комиссияи ташхиси Шурои дифоъ:**
**доктори илми филология, профессор:** **У.Ғаффорова**

**доктори илми филология, дотсент:** **Т.Султонзода**

**Имзоҳои ҳайати комиссияи ташхисро тасдиқ мекунам:**
**Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 037**
**номзади илми филология, дотсент** **Шарипова М.З.**

«17» апреля соли 2023